Ба Шурои диссертатсионии **6D.KOA-016**
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)

Т а қ р и з

ба автореферати диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзӯи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 –Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

Бояд қайд намуд, ки яке аз роҳҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ин пеш аз ҳама истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ мебошад. Имрӯз муносибатҳои нави иқтисоди бозоргонӣ аз корхонаҳои кишоварзӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ талаботи худ, яъне баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, мукаммалгардонии механизми низоми соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла заминистифода-барандагони онро тақозо менамояд. Ин пеш аз ҳама, рушди соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати самаранок истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ, дараҷаи самаранокии истифодаи заминҳо сатҳ ва сифат мебошад. Дар ин ҷода, муаллиф дар таҳқиқоти илмии худ қайд намудааст, ки масъалаи идоракунии заминҳои кишоварзӣ вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ, ин пеш аз ҳама, банақшагирӣ, азнавтақсимкунӣ, ҳифз ва назорати заминҳои кишоварзӣ аз ҷониби мақомоти идораи давлатӣ буда, дар он давлат ҳамчун субъекти мустақил ӯҳдадор аст, ки вазифаҳои худро оид ба идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ амалӣ намуда, дар истифодабарии самараноки он шароит фароҳам оварад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои "Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030" дар бахши кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ бояд пеш аз ҳама, ҳолат, такрористеҳсол ва ҳифзи заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба инобат гирифта шавад. Инчунин бояд қайд кард, ки имрӯз асосан ба азанавтақсимкунии захираҳои замин миёни заминистифодабарандагон эътибор дода, механизми номукаммали танзими муносибатҳои заминдорӣ ба сатҳи пасти экологии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, таназзулёбии захираҳои замин, бахусус, заминҳои кишт ва аз гардиши кишоварзӣ боз мондани заминҳои корами обӣ оварда расонидааст.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ роҳҳои баланд бардоштани истифодабарии самаранокии замин дар кишоварзӣ яке аз масъалаи мубрами баҳисоб рафта, таҳқиқи масъалаҳои истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ аҳамияти илмӣ-амалӣ дорад.

Муаллиф қайд намудааст, ки мақсади омӯзиши масъалаи мазкур ин пеш аз ҳама коркарди асосҳои назариявӣ ва консепсияи ташаккули низоми муосири идоракунии муносибатҳои заминистифодабарандагон дар шароити муосир, вобаста ба баланд бардоштани истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат мебошад.

Вобаста ба ин вазифаҳо оид ба таҳқиқи назариявии моҳият ва арзёбии амнияти озуқаворӣ дар шароити муосир, тавсифи иҷтимоию иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва меъёрҳои арзёбии истифодаи самараноки он дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ, муайян намудани нақши бунёдии самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ба таъмини амнияти озуқаворӣ, арзёбии ҳолати муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва таҳқиқӣ ҳолати фонди заминҳои кишоварзӣ, ҳамзамон арзёбии натиҷаи истифодабарии онҳо дар вилояти Суғд, асоноккунии консепсия, ки ба идоракунии самаранок ва истифодабарии устувори заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар муддати тулонӣ мусоидат карда, ҳамчун шарти таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад ва коркарди тавсияҳо доир ба мукаммалгардонии усулҳои баланд бардоштани самаранокии захираҳои истифодаи замин муайян карда шуданд, ки дар раванди таҳқиқот ҳалли худро ёфтаанд.

Таҳқиқоти илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва номгӯйи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар 197 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардидааст ва дорои 9 расм, 28 ҷадвал ва 12 диаграмма мебошад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии муаллиф ҷамъбаст гардидаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва норасогиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Роҳҳои амалишавии таъмини иттилоотии идоракунии заминҳои кишоварзиро ҷиҳати таъмини амнияти озуқавори дар корҳои илмии минбаъда равшану возеҳ нишон дода шавад.

2. Истифодабарии самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва таҳқиқи амнияти озуқаворӣ ба тариқи пурра мавриди таҳқиқ қарор дода

шавад ва истифодаи ин заминҳои пурарзиш дар ноҳияҳои алоҳидаи вилояти Суғд баҳогузорӣ шуда, хусусиятҳои онҳо омухта шавад.

Камбудиҳои ҷойдошта ҷузъӣ буда, арзишмандии илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифро коҳиш намедиҳанд.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзӯи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» нишон дод, ки он дорои арзиши илмию амалӣ буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муалиифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросанаотӣ, мебошад.

Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Қурбонзода М.Р.

31.07.25

Имзои профессор Қурбонзода М.Р.-ро
тасдиқ менамоям. Сардори шуъбаи
кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав: Исозода Т.И.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кучаи Айнӣ 67
☎: +(992) 3222 2-22-53
E – mail: bgu-1978@mail.ru